*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи: “Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пешниҳод шудааст**

## 1.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад: “3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ”, мутобиқат менамояд.

## 2.Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар шароити муосири рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон яке аз масъалаи мубрам ба инобат гирифтани таъсири равандҳои бавуқуъояндаи трансформатсионӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми хизматрасониҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Раванди такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҷойи калидиро дар равандҳои бозорӣ ишғол намуда, ба танзим даровардани он ногузир аст. Ҳамзамон, табалот ба хизматрасониҳои давлатӣ зиёд шуда, давлатро водор мекунад, ки хизматрасониҳоро ба ҷомеа дар сатҳи баланди сифат ва суръат бо

истифодаи технологияҳои инноватсионии рақамӣ ба роҳ монда, барои қавӣ гардонидани робитаҳои мутақобила саҳмгузор бошад.

Ҳамзамон, мақомоти давлатиро зарур аст, ки ҷавобан ба интизориҳои аҳли ҷомеа оид ба хариди хизматрасониҳои баландсифат ва саривақтӣ ба такмили фаъолияти худ таваҷҷуҳ намуда, истифодаи густурдаи технологияҳои инноватсионии рақамиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти робита бо шаҳрвандон такмил диҳанд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи хориҷии давлатҳо гувоҳӣ медиҳад, ки рақамикунонии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро баланд бардошта, омили муҳими рушди иқтисодию иҷтимоӣ мегардад. Мутаасифона на ҳама ҷонибҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ марвиди таҳқиқ қарор дода шудаанд ва гузаронидани таҳқиқоти ҷадидро тақозо менамояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки дар мубрамии мавзуи диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ягон шубҳа нест ва он метавонад, ки дар такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аҳаммияти назарраси илмӣ, методологӣ ва амалиро дошта бошад.

**3.Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиши равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, такмили механизми ташкилию иқтисодии онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, ки дарёфти равишҳои беҳтар намудани хизматрасониҳоро бо риояи меъёрҳои таъминкунандаи амнияти иттилоотӣ пешбинӣ менамояд, дар бар мегирад. Ҳамчун, натиҷаҳои муҳимтарини кор, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуқтаҳо қайд карда мешаванд:

1. Дар асоси арзёбии ҳамтарафа масъалаҳои назариявии таҳқиқи мафҳумҳои «хизматрасониҳои давлатӣ» ва «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» дида баромада шуда, равишҳо ва принсипҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ба низом даровarda шудаанд. Аз ҷониби муаллиф мафҳуми «хизматрасониҳиҳои давлатии электронӣ» ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон муайян карда шуда, таснифоти муаллифии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонии онҳо пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ мавриди омузиш қарор дода шуда, тамоюлҳои асосии рақамикунонии онҳо муайян гардидааст.

2. Аз ҷиҳати методологӣ равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуда, коркарди равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонӣ ба сомон расонида шудааст. Методологияи тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси таҳқиқи омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва техникию технологӣ гузаронида шуда, талаботи меъмории низоми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дақиқ ва қисматҳои сохтори он арзёбӣ ва пешниҳод гардидааст.

3. Механизми ташкилию иқтисодии раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат таҳия ва пешниҳод карда шуда, муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом даровардa шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок гардидааст. Татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардида, устувории институтсионалӣ дар Тоҷикистон тақвият ёбаду сатҳи эътимод ба ҳокимият боло рафта, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар гардад.

4. Тамоюлҳои асосӣ бо назардошти масоили ҷойдошта ва самтҳои ояндадори рушди он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатии электронӣ стратегияи идоракунӣ дар мавриди рақамикунонии иқтисодиёт ва идораи давлатӣ пешниҳод карда шуда, равишҳо ва усулҳои нави санҷидашудаи такмили сохтори хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод гардидааст.

5. Дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ, амалияҳои пешқадами пешниҳоди онҳо ошкор ва дар шароити иқтисоди рақамӣ ба низом даровардa шудаанд. Ҳамзамон, омилҳои асосии татбиқи бобарори амалияҳои пешқадам муайян ва имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

6. Дар диссертатсия замина барои пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва асоснок карда шуда, воситаҳои институтсионалию технологӣ ҳамчун унсурҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳою технологияҳои ҳамгирошудаи ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагон гузаронида шудааст. Ҳамзамон, мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар мамлакат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои киберӣ ошкор ва зарурати ҳифзи маълумоти шахсии истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ арзёбӣ гардиддаст.

7. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян ва тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешкаш гардидааст. Бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси баҳисобгирии омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ ба сомон расонида шудааст.

8. Равандҳои зинавии сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар ва дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия карда шуда, воситаҳо ва механизми афзоиши талабот ба ба онҳо асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» асоснок карда шуда, ҷиҳати ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои асосноки илмӣ пешниҳод гардидааст.

## 4. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиш ва ҷамъбасти маълумот, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба методология ва амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва хусусиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон алоқаманд ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили методология ва амалияи он дар шароити иқтисоди рақамӣ таҳия шудаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳҳои гуногун ба назар мерасанд, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

## 5. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 392 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, дар он 40 ҷадвал ва 39 расм истифода шуда, рӯйхати адабиёт 342 сарчашмаро фарогир аст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 5-19).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ» (саҳ. 20-76) довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ омухта, ташаккул ва рушди онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян ва мавриди таҳқиқи пурра қарор додааст.

Дар зербоби аввали ин боб, дар асоси омӯзиши адабиётҳо равишҳои назариявӣ ва принсипҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ҳангоми гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба анҷом расонида шудааст. Ҳамзамон, диққати асосӣ ба маҷмуи меъёрҳое, ки барои арзёбии хизматрасониҳои электронӣ истифода карда мешаванд (саҳ. 37-38), муқоисаи принсипҳои ҷойдоштаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.41) ва принсипҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ки аз принсипҳои заминавии ташкили ҳукумати электронӣ бармеоянд (саҳ.42) равона гардидааст.

Аз баррасии зербоби дуюми ин боб бармеояд, ки муаллиф таснифоти хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар асоси гурӯҳбандии онҳо (саҳ.48), арзёбии меъёрҳои таснифот вобаста ба марҳилаи раванди такрористеҳсол (саҳ.56) дида баромадаст, ки боиси дастнирӣ мебошад. Мо ақидаи муаллифро нисбати таснифоти муназзами хизматрасониҳои давлатӣ нисбати таъмини устувории низоми иқтисодии мамлакат ва эътимоди шаҳрвандон муҳим мешуморем.

Дар зербоби охирини боби аввал асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ дида баромада шудааст. Муаллиф дар он ақидааст, ки қонунҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои ҳукуматӣ дар самти табтиқи ТИК дар фаъолияти идоракунии давлатӣ хело муҳиманд (саҳ.70). Ҳамзамон марҳилаҳои рушди асосҳои институтсионалии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.72) дида баромада шуда онҳо натиҷагирӣ шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Методологияи таҳқиқи ташаккул ва рушди механизми хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонӣ», (саҳ. 77-145) номгузорӣ гардидааст, унвонҷӯ равишҳои асосии методологии ташаккули низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ муайян карда шуда, методикаи тарҳрезии меъмории портали чунин

хизматрасониҳо бо тавсифи муфассали татбиқи амалии он таҳия карда шуда, механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси амсилаи консептуалӣ сурат гирифтааст.

Дар асоси омӯзиши миқдори зиёди адабиёти тахассусӣ дар зербоби аввали боби дуюм равишҳои методологии ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз тарафи муаллиф дида баромада шудааст, ки мо ин равандро дуруст меҳисобем. Истифодаи консепсияи маркетингӣ (саҳ.83) , принсипҳои асосии таъсиси равзанаи ягонаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.88), ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷойи муносибро ишғол менамояд. Ба ақидаи мо амсилаи ташаккули мубодилаи иттилоот ҳангоми амаликунии хариду фурӯши хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.93) зарурӣ мебошад. Ҳамзамон, таснифоти мушкилоти умумии истифодаи равиши аутсорсингӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.99) ва равиши инноватсионии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.101) дорои аҳаммият мебошад ва имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои давлатӣ дар сатҳи зарурӣ пешниҳод ва амалӣ карда шаванд.

Ҷойи муносибро дар зербоби дуюми ин боб методологияи тарҳрезии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.102-121) ишғол менамояд. Аз тарафи дигар дар ин зербоби рисола вазифаҳо ва воситаҳои таъмини иттилоотии портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.109), зернизомҳои сохтори меъмории портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ111), талаботҳои асосии вазифавӣ ва техникӣ барои таъсиси платформаи портали хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.113), раванди методологии меъмории низоми иттилоотӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.117), унсурҳои тавсияшавандаи платформаи хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.119) ва методологияи тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.123), ки аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд, дастгирӣ менамоем.

Дар зербоби охири боби дуюм механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.144) дар шароити муосир хело назаррас муайян ва арзёбӣ шудааст.

Унвонҷӯ дар боби сеюми диссертатсия «Вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ», (саҳ. 146-206) вазъи ташкили низоми хизматрасониҳои давлатии электрониро дар мамлакат таҳлил ва арзёбӣ намуда, омилҳо ва заминаҳои рушди чунин хизматрасониҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ошкор карда шудаанд. Таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт таҳқиқ шуда,

имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҳамзамон, унвонҷӯ дар доираи зербоби аввали ин боб ба арзёбии вазъи муосири рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ дар асоси дида баромадани лоиҳаҳо барои худкорсозии хизматрасониҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.155), нишондиҳандаи зичии воситаҳои алоқаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.159), миқдори истифодабарандагони хизматрасонии нави алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.161), талабот ба баъзе намуди хизматрасониҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.162), дараҷаи пахши Интернет ва арзиши алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.165), нишондиҳандаҳои рушди ҳукумати электронӣ дар байни як қатор давалтҳои ИДМ (саҳ166), тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.167), шохиси хизматрасонии онлайнӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса ба сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавии он (саҳ.168), тамоюли тағйирёбии қиммати он дар муқоиса ба сати миёнаи ҷаҳонӣ ва минтақавии он (саҳ.169) дар сатҳи зарурӣ дида баромада шудааст.

Дар зербоби дуюми боби сеюм таҳлили омилҳо ва заминаҳои рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар асоси арзёбии марҳилаҳои ҳузури давлат дар сомонаҳои интернетӣ (саҳ.172), баррасии воҳидҳои таркибии таъсиси ҳукумати электронӣ (саҳ.179), таҳқиқи омилҳои таъсиррасон ба тақозои шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ тариқи Интернет (саҳ.182) ва омилҳои дигар (саҳ.186), муайян намудани сабабҳои асосии истифода нашудани сомонаҳои давлатӣ барои анҷоми хариди хизматрасониҳои электронӣ (саҳ.189) ва дигарҳо дида баромада шудааст.

Дар зербоби охирини боби сеюм таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст.

Дар боби чоруми диссертатсия "Воситаҳои институтсионалию технологии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ" (саҳ. 207-275) масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, равишҳои корбурди зеҳни сунъӣ дар низоми чунин хизматрасониҳо баррасӣ шуда, ба хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таваҷҷуҳ дода шудааст.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарури дониста мешавад. Дар ин раванд инчунин,

хусусиятҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва тадбирандешӣ вобаста ба он (саҳ.217), усулҳои ҳифзи иттилоот ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.219), талабот нисбат ба таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.220) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки натиҷаҳо назаррас мебошанд.

Мо ақидаи муаллифро нисбати равишҳои корбурди технологияҳои зеҳнӣ сунъӣ дар низоми хизматрасониҳои давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар зербоби дуюми ин боб дида баромада шудааст ба пуррагӣ дастгирӣ менамоем. Ҳамзамон, дар диссертатсия ҳиссаи зеҳни сунъӣ дар хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.242) ва самтҳои татбиқи он дар равандҳои идоракунӣ дар бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.250) арзёбӣ шудааст.

Аз тарафи дигар дар зербоби сеюми ин боб хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба анҷом дода шудааст. Ҳамзамон, методологияи арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси меъёрҳои равандӣ ва самаранокӣ (саҳ.269), низомбандии талаботи мизоҷон нисбати сифати дастрасии хизматрасониҳои давлатии электоронӣ (саҳ.271) баҳо дода шудааст.

Мо хулосаи муаллифро нисбати оне, ки низомбандии равишҳои назариявӣ ва методологии мавҷуда ба мо имкон медиҳад, ки мо методологияи нави мукаммал ва маҷмуиро барои арзёбии самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ нисбат ба аҳолӣ ва бахши соҳибкорӣ дастгирӣ менамоем.

Боби панҷум «Самтҳои стратегӣ ва механизмҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (саҳ.276-327) дар асоси баҳодиҳии самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, коркарди амсилаи иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди онҳо бахшида шуда, ҳамчунин воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ арзи ҳастӣ шудааст.

Дар зербоби аввали ин боб самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар асоси арзёбии заминаҳои гузариш ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.280), баррасии механизми гузариш ба низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.281), таҳқиқи механизми идоракунии тағйирот ҳангоми электроникунонии низоми хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.288) ва малакаҳои идоракунӣ барои гузариш ба хизматрасониҳои давлатии идоракунӣ сурат гирифтааст

Зербоби дуюми ин боб ба амсиласозии иқтисодӣ ва пешниҳоди се сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бахшида шудааст: а) электроникунонии пурра - худкорсозии тамоми хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи як сомонаи интернетӣ тариқи равзанаи ягона; б) электроникунонии нисбӣ - худкорсозии қисмани хизматрасониҳои давлатӣ дар доираи сомонаҳои мақомоти пешкашкунандаи хизматрасониҳои давлатӣ; в) электроникунонии равандҳо - худкорсозии озмоишӣ-соҳавии хизматрасониҳои давлатӣ (саҳ.306-307) боиси дастгирӣ мебошад.

Дар зербоби сеюми ин боб воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар асоси аврзёбии равандҳои зинавии оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.309), баҳодиҳии сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.311), арзёбии афзалиятҳои имконоти ташаккули фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар раванди оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.315), дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.321) ва пешниҳоди алгоритми оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ (саҳ.324) ба анҷом расонида шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо **(саҳ. 328-337)** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди оморӣи натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию амалӣ муайян карда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

### 6.Асоснокии ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Дар маҷму диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти ба анҷомрасонидашуда пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия методология ва амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таври мантиқӣ ва системавӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, методология ва амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар

шароити иқтисоди рақамӣ таҳлил намуда, дар ин асос ҷиҳати мукаммал гардондани он хулоса, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас таҳия намудааст.

Истифодабарии пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмии ба анҷомрасонидаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо истифода бурда шудаанд.

## 7.Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоснокkунии назариявӣ, методология ва амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ зоҳир мешавад. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардшударо ба сифати воситаи мукаммал намудани механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми такмили сиёсати ташкилию иқтисодии ирсоли хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилиҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ коркард шуда, муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ баланд бардошта шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар корхонаҳои ватанӣ ба кор бурда шаванд.

Аз таҳлили диссертатсия бар мерояд, ки баъзе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорииТоҷикистон истифода мешаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот аз он иборат мебошад**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таъсири мусбӣ

расонда, ташкили дурусти натиҷаҳои молиявӣ ва самаранокии қабули қарорҳои идоракуниро аз тарафи роҳбарият таъмин намоянд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки ташкили дурусти такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, ҷиҳати ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ имконият дода, барои баланд бардоштани сифати кору хизматрасониҳо, паст гардидани арзиши аслии маҳсулоту хизматрсониҳо таъсири мусбат расонад. Инчунин, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он, паст шудани сатҳи камбизоатӣ имконият фароҳам оваранд.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 62 кори илмӣ, аз онҳо 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

## 9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло мутахассиси варзида дар соҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни рисолаи иҷрошуда ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳо нисбати чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил ва пешбурди кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои ба миён гузошташуда бояд таъкид карда шавад.

## 10. Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:

1. Дар боби аввал (саҳ.20-76) муаллиф асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Агар ҷиҳати такмили рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса ба таҷрибаи хориҷӣ муаллиф маълумоти бештар медод, фикр мекунем сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам ғанитар мегардид.

2. Дар зербоби 2.1 (саҳ.77-101) таҳқиқи равишҳои методологии ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба анҷом расонида шудааст. Вале баъзе заминаҳои ин методология ва таъсири онҳо ба рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти маблағҳои ҷудошудаи буҷетӣ дар шароити муосир, пурра мавриди арзёбӣ қарор нагирифтааст.

3. Зербоби 3.2 (саҳ.170-191) ба таҳлили омилҳо ва заминаҳои рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъсир мерасонанд, инчунин, арзёбии мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо бахшида шудааст. Мутассифона дар ин зербоб нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ, нисбати интихоби омилҳои таъсиррасон, тавзеҳоти қонунгузорӣ, риояи талаботи стандарҳои байналмилалӣ истифодаи хизматрасониҳои давлатӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор нагардидааст.

4. Дар зербоби 3.3 (саҳ.192-206) таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон омӯхта шудааст. Новобаста ба ин шарҳи истифодаи ин таҷриба дар корхонаю ташкилотҳои буҷетии ватанӣ дар шароити муосир, ба пуррагӣ иҷро нашудааст.

5. Зербоби 4.3 (саҳ.253-275) диссертатсия ба арзёбии хусусиятҳои сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст. Мутаассифона пешниҳоди мушаххас нисбати баррасии сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар қаламрави кишвар ва минтақаҳои он сурат нагирифтааст.

6. Дар зербоби 5.1 (саҳ.276-291) самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба анҷом расонида шудааст. Мутаассифона баҳодиҳии воқеии самаранокии иқтисодию иҷтимоии такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар сохторҳои мухталиф аз диди назари муаллиф каме дур мондааст.

7. Дар зербоби 5.2 (саҳ.292-307) амсиласозии иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо истифодаи занҷираҳои Марков ва Шаланов натиҷагирӣ шудааст. Мутаассифона ҳисобҳо нисбати ояндабинии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ пешниҳод нагардида, се сенарияи гузариш ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ пурра арзёбӣ нашудааст.

8. Арзёбии воситаҳо ва механизмҳои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар сатҳи зарури дар зербоби 5.3 (саҳ.308-327) дида баромада шудааст. Мутаассифона ҳисоби маблағҳои зарурӣ ва манбаъҳо барои амали намудани алгоритми оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Тоҷикистон гузаронида нашудааст.

9. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва орфогафӣ ҷой доранд, инчунин, баъзе аз мафҳумҳо ба тариқи пурра кушода нашуда, арзёбӣ гардидаанд.

**11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокқунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудан ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ, дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши он тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**12. Хулоса.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло дар мавзуи "Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳаммияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Ҳабибуллозода Мухриддин

Ҳабибулло барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

20 августи соли 2026

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

Суроға: (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
http://www.tguk.tj. E-mail: drrajab @mail.ru, тел: +992 934444107.